# ТАҚРИЗ

**ба автореферати диссертатсияи Дадобоева Муслима Бахтиёровна дар мавзӯи “Асосҳои педагогии фаъолнокии фаъолияти маърифатии хонандагон тибқи муносибати аксиологӣ дар раванди таълим” (дар асоси маводҳои фанҳои биологӣ), ки барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои педагогӣ аз рӯйи ихтисоси 13.00.01– педагогикаи умумӣ, таърихи педагогика ва таҳсилот (илмҳои педагогӣ) пешниҳод шудааст.**

Муаммои фаъолнокии фаъолияти маърифатии хонандагон ҳангоми таълими фанҳои биологӣ бо воситаҳои диди аксиологӣ дар илмҳои педагогӣ яке аз муаммоҳои калидӣ мебошад. Солҳои охир тамоми оламро ҳаракати босуръат инкишофёбандаи ҳифзи табиат фаро гирифтааст. Аз ин лиҳоз, барои тарбия намудани муносибати бомасъулият ва эҳтиёткорона ба табиат фаъолнокии фаъолияти маърифатии хонандагонро ташаккул додан зарур аст.

Бинобар ин, диссертатсияи Дадобоева Муслима Бахтиёровна дар мавзӯи зикргашта яке аз масъалаҳои мубрами илмҳои педагогию биологӣ ба шумор меравад. Амалӣ намудани таҳлили илмӣ-педагогии мафҳумҳои «фаъолияти маърифатӣ», «фаъолнокии фаъолияти маърифатӣ», коркарди амсилаи фаъолнокии фаъолияти маърифатии хонандагон дар раванди таълими фанҳои биологӣ тибқи муносибати аксиологӣ, барои асоснок намудани шартҳои педагогие, ки барои фаъолнокии фаъолияти маърифатии хонандагон дар раванди таълими фанҳои биологӣ тибқи муносибати аксиологӣ мусоидат мекунанд. Дар рисолаи мазкур коркарди технологияи фаъолнокии фаъолияти маърифатии хонандагон дар раванди таълими фанҳои биологӣ бо воситаҳои дидгоҳи аксиологӣ. вазифаҳои асосии таҳқиқот қарор гирифтааст.

Ҷабҳаи дигари мубрамияти мавзӯи таҳқиқгашта ин зарурати бартарафнамоии ихтилофот миёни эҳтиёҷи мактаббачаи муосир ба фаъолият, маҳдуд будани шаклҳои фаъолияти таълимӣ ва беруназтаълимӣ дар мактаби муосир, тағйирнаёбанда будани ташкилу тархрезии анъанавии фаъолияти маърифатӣ, дар амал татбиқ намудани озодиву мустақилияти шахсият ва набудани озодӣ дар интихоби шаклҳо, методҳо ва стратегияҳои таълиму рушд ба шумор меравад.

Дар рисола вобаста ба мубрамияти мавзӯи диссертатсия фарзияи таҳқиқотии муносиб пеш гузошта шудааст, ки он барои коркарди технологияи фаъолнокии фаъолияти маърифатии хонандагон дар раванди таълими фанҳои биологӣ тибқи муносибати аксиологӣ шарти зайлро мувофиқ мегузорад: фаъолнокии фаъолияти маърифатии хонандагон дар раванди таълими фанҳои биологӣ тибқи муносибати аксиологӣ таъмин

мегардад, агар самтҳои фаъолонидани фаъолияти маърифатии хонандагон дар таълими фанҳои биологӣ тибқи муносибати аксиологӣ муайян карда шавад ва амсилаи он коркард шавад.

Дар мундариҷаи диссертатсия таҳлили адабиёти педагогӣ ва психологӣ анҷом дода шуда, назарияҳои илмии олимон-педагогони ватанию хориҷӣ бамаврид истифода шудааст. Ҳамчунин, сарчашмаи таҳқиқотро санадҳои меъёрии танзимкунандаи фаъолияти касбию педагогӣ дар соҳаи илму маориф дар Ҷумҳурии Тоҷикистон, санадҳои меъёрию ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар соҳаи маориф ва дигар санадҳои меъёрӣ, ҳуҷҷатҳои инъикоскунандаи талабот ва тағйирот дар амалияи таълим дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ташкил медиҳад.

Аз ҷониби таҳқиқгар технологияи фаъолнокии фаъолияти маърифатии хонандагон дар раванди таълими фанҳои биологӣ тибқи муносибати аксиологӣ коркард шуда, дар гимназия ва муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумии шаҳри Хуҷанд, ноҳияи Б.Ғафурови вилояти Суғд аз санҷиш гузаронида шуда, имконияти педагогӣ ва меъёрҳое муқаррар шудаанд, ки ба самаранокии амсилаи пешниҳодшудаи фаъолнокии фаъолияти маърифатии хонандагон дар раванди таълими фанҳои биологӣ тибқи муносибати аксиологӣ мусоидат мекунанд.

Қобили қайд аст, ки дар рисола методҳои фаъолгардонии фаъолияти маърифатии хонандагон зимни таълими фанҳои биологӣ густурда ва муфассал баррасӣ шудаанд. Тибқи ин методҳо озмоиши муқарраркунанда гузаронида шуда, таҳлил ва натиҷаҳо оид ба пешрафт, сифати донишҳо ва сатҳи фарогирӣ бо таълим дар гурӯҳҳои назоратӣ ва озмоишӣ дар расми 4 тавассути гистограмма нишон дода шудааст. Ҳамин тавр, маълумоти дар марҳалаи озмоиши муқарраркунанда ҳосилшуда оид ба зарурати таъсироти ҳадафмандонаи педагогӣ барои амалисозии амсилаи фаъолгардонии фаъолияти маърифатии хонандагон дар таълими фанҳои биологӣ бо воситаҳои диди аксиологӣ гувоҳӣ медиҳанд.

Дар озмоиши ташаккулдиҳанда, ки аз тарафи муаллифи рисола гузаронида шудааст, марҳалаҳои протсессуалӣ ва таҳлилии амсилаи назариявии фаъолгардонии фаъолияти маърифатии хонандагон дар таълими фанҳои биологӣ бо воситаҳои диди аксиологӣ амалӣ гардидаанд. Тағйироте, ки дар натиҷаи озмоиши ташаккулдиҳанда дар гурӯҳҳои озмоишӣ барои фаъолгардии фаъолияти маърифатии хонандагон дар таълими фанҳои биологӣ бо воситаҳои диди аксиологӣ ба амал омадаанд, дар расми 6 инъикос ёфтааст.

Марҳилаи озмоишии тадқиқот бо истифодаи саволҳои тестӣ ва кори санҷишӣ амалӣ гардидааст. Натиҷаи онро дар расми 7 дидан мумкин аст, ки дар панҷ сатҳи фаъолияти таълимӣ-маърифатӣ муайян карда шудааст.

Амалисозии амсилаи аз ҷониби муҳаққиқ коркардашуда афзудани самаранокии раванди таълимро оид ба сатҳҳои фаъолгардонии фаъолияти маърифатии хонандагон дар таълими фанҳои биологӣ бо воситаҳои диди аксиологӣ тасдиқ намудааст. Дар ин бобат натиҷаҳои ба даст овардашуда низ гувоҳӣ медиҳанд, ки дар диаграммаҳои боби дувуми диссертатсия динамикаи афзудани ҳар яке аз сатҳҳои фаъолгардонии фаъолияти маърифатӣ нишон дода шудааст. Яъне амсилаи пешниҳодшудаи сатҳи фаъолгардонии фаъолияти маърифатии хонандагон дар таълими фанҳои биологӣ бо воситаҳои диди аксиологӣ бо тамоми ҷузъҳои таркибии он имкон додааст, ки мактаббачагон на танҳо ба сатҳи баландтари фаъолнокии фаъолияти маърифатӣ дар таълими фанҳои биологӣ бо воситаҳои диди аксиологӣ ноил шаванд, балки ба рушду камолоти шахсияти онҳо мусоидат намуд, ки ин мазмуну мундариҷаи диссертатсияро возеҳу ғанитар ифода менамояд.

Аз ҷониби таҳқиқгар оид ба фаъолнокии фаъолияти маърифатии хонандагон дар раванди таълими фанҳои биологӣ тибқи муносибати аксиологӣ якчанд тавсияҳои методӣ мураттаб гардидаанд, ки барои баланд шудани фаъолнокии маърифатӣ ва мустақилияти хонандагон, инкишофи муносибати мусбати онҳо ба раванди таълим ва ҳаёти мактабӣ мусоидат мекунанд.

Боис ба зикр аст, ки натиҷаҳои таҳқиқот дар 10 мақолаи муаллиф инъикос ёфтаанд, ки 6-тои он дар маҷаллаҳои тавсиякардаи КОА назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон нашр гардидааст. Нуктаҳои асосӣ ва натиҷаҳои таҳқиқот дар конференсияҳои байналмилалӣ, ҷумҳуриявӣ, байнидонишгоҳӣ ва дохилидонишгоҳӣ, ки дар МДТ «ДДХ ба номи академик Б.Ғафуров», Донишгоҳи миллии Тоҷикистон, Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи С.Айнӣ баргузор гаштаанд, ироа шудаанд.

Дар умум, муаллиф ҳадафҳои гузоштташудаи таҳқиқотро пурра ҳал намудааст, хулосаҳо тибқи вазифаҳои пешгузоштаи таҳқиқот асосноканд, мундариҷаи рисола мутобиқи назари мантиқӣ шакл гирифтаанд ва муаллиф соҳиби қобилияти хуби илмофарӣ мебошад.

Диссертатсияи Дадобоева Муслима Бахтиёровна дар мавзӯи "Асосҳои педагогии фаъолнокии фаъолияти маърифатии хонандагон тибқи муносибати аксиологӣ дар раванди таълим" (дар асоси маводҳои фанҳои биологӣ) кори таҳқиқотии мустақилона анҷомёфтаи илмиву тахассусӣ буда, ба талаботи Низомномаи ««Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ ва унвонҳои илмӣ"- и КОА-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки бо қарори

Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021 таҳти №267 тасдиқ гардидааст, комилан ва пурра ҷавобгӯй буда, муаллифи он сазовори дараҷаи илмии номзади илмҳои педагогӣ аз рӯи ихтисоси 13.00.01– педагогикаи умумӣ, таърихи педагогика ва таҳсилот (илмҳои педагогӣ) мебошад.


Номзади илмҳои педагогӣ,
дотсенти кафедраи педагогика ва
психологияи Донишкадаи омузгории
Тоҷикистон дар ш.Панҷакент Мақсудов Зафарҷон Очилдиевич

28.03.2023с.

Сурога: 735500, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Панҷакент, х. Рудаки 106.
Тел.: +992(92) 347554050. Моб. 92-7546189. E-mail: tou@bk.ru


*Имзои З.О.Мақсудовро тасдик менамоям.*

*Сардои РК ва КМ ДОТП* *Қурбонов М.Л.*